# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Ҳоҷибоева Муқаддас Абдуғаниевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои амалкарди бозори истеъмолии ҳудудӣ дар шароити инкишофёбии муҳити институтсионалӣ» (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Калидвожаҳо:** бозори ҳудудӣ, бозори молҳои истеъмолӣ, нақши давлат, таҳлили кластерӣ, дараҷабандии субъектҳои минтақавӣ, нобаробарии инкишоф, дастгоҳи танзими бозори истеъмолӣ, муҳити институтсионалӣ, самараи институтҳои бозор, тамоюлҳои инкишоф, талаботи физиологӣ, фаровонӣ, сохтори тараққикарда, вобастагии воридотӣ, минтақа, захираҳои молӣ, ҷобаҷокунии ҳудудӣ, гунҷоиши бозор.

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқотӣ.** Дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он як қатор мушкилоти вобаста ба ташкил ва фаъолияти самарабахши бозорҳои ҳудудӣ мавҷуданд, ки ҳалли худро талаб мекунанд. Дар байни масъалаҳои муайян кардани ҷудокунии бозорҳои ҳудудӣ ва ҷойгиркунии онҳо дар минтақа, арзёбии сохтори ҳудудии савдо ва қолабҳои рушди онро дар бар мегиранд.

Ҳамаи ин, инчунин зарурати омӯзиши хусусиятҳои ташаккули бозорҳои ҳудудии истеъмолӣ дар шароити муосири институтсионалӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили механизми танзим актуалии мавзӯи таҳқиқот ва арзиши кори диссертатсияро муайян мекунад.

Объекти тадқиқот – бозорҳои истеъмоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳити институтсионалии амалкарди он ба шумор меравад.

Предметом тадқиқот - ин муносибатҳои иқтисодие, ки дар раванди амалнамоӣ ва инкишофи бозори истеъмолии минтақаҳои маъмурӣ ҳудудии маҳдудгардидаи вилояти Суғд ва муҳити институтсионалии аниқ, ба амал меоянд.

Ҳадафи тадқиқот асосноккунии назариявӣ ва методии раванди хусусиятҳо ва қонуниятҳои рушди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ дар шароити ташаккулёбии муҳити институтсионалӣ ва коркарди пешниҳодоти мушаххас ва тавсияҳои амалӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ чун қисми таркибии низоми иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Суғд) равона карда шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии назариявӣ ва методологии раванди ташаккул ва вижагиҳои инкишофи бозори истеъмолии ҳудудӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба такмили ташкили фаъолияти он дар муҳити институтсионалии воқеӣ иборат аст.